«Мувофиқа шуд»
Вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
__________С.Наҷмиддинов
аз “18” январи соли 2013
№3-12а/9

«Тасдиқ карда шудааст»
бо Фармоиши
Кумитаи андози назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз “11” январи соли 2013
№1-Ф

**ДАСТУРАМАЛ**
**«Дар бораи ҳисоб ва пардохт намудани андози иҷтимоӣ»**

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамал дар бораи ҳисоб ва пардохт намудани андози иҷтимоӣ (минбаъд – «Дастурамал») дар асоси қисми 9 моддаи 218 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – «Кодекси андоз») таҳия шуда, супорандагони андоз, тартиби ҳисобкунӣ, пардохт, супоридани ҳисоботҳои андозӣ ва дигар унсурҳои андозбандиро бо андози иҷтимоӣ муайян мекунад.

## 2. СУПОРАНДАГОНИ АНДОЗ

2. Супорандагони андози иҷтимоӣ инҳо мебошанд:
а) шахсони ҳуқуқӣ, воҳидҳои алоҳидаи онҳо, муассисаҳои доимии ғайрирезидентҳо ва соҳибкорони инфиродӣ – корфармоён, ки ба шахсони воқеӣ-резидентҳои бо онҳо дар асоси шартномаҳои (қарордодҳои) меҳнатӣ ё бе шартнома ҳамчун коргарони кироя кор мекунанд, музди меҳнат, подошпулӣ ва манфиатҳои дигар медиҳанд;
б) шахсони ҳуқуқӣ, воҳидҳои алоҳидаи онҳо, муассисаҳои доимии ғайрирезидентҳо ва соҳибкорони инфиродӣ, ки ба шахсони воқеӣ-резидентҳои ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифтанашуда дар асоси шартномаҳои дорои хусусияти граждании ҳуқуқӣ ё бе шартнома дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаққи хизматҳои расонидашударо (корҳои иҷрошударо) ҷуброн менамоянд;
в) шахсони воқеии дар зербандҳои а) ва б) банди 2 ҳамин Дастурамал пешбинигардида, ки пардохт гирифтаанд;
г) шахсони воқеие, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти соҳибкории инфиродӣ машғуланд, аз ҷумла онҳое, ки ба сифати аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолият мекунанд.
3. Агар андозсупоранда дар як вақт ба якчанд категорияҳои

андозсупорандагони дар банди 2 ҳамин Дастурамал пешбинигардида мансуб бошад, ӯ доир ба ҳар як ҳолат андозро ҳисоб ва пардохт менамояд.

4. Супорандагони дар зербандҳои а) ва б) банди 2 ҳамин Дастурамал пешбинишуда суғуртакунандагон номида мешаванд.

5. Супорандагони дар зербанди в) банди 2 ҳамин Дастурамал пешбинишуда суғурташудагон номида мешаванд.

6. Супорандагони дар зербанди г) банди 2 ҳамин Дастурамал пешбинишуда – ҳамзамон суғуртакунанда ва суғурташаванда номида мешаванд.

***Мисол:*** *Соҳибкори инфиродӣ Каримов, ки дар асоси Шаҳодатнома фаъолияти соҳибкориро амалӣ менамояд ба муҳосиб, ки бо ӯ шартномаи меҳнати баста шудааст музди меҳнат пардохт менамояд.*

*Дар мисоли мазкур соҳибкори инфиродӣ Каримов ҳамчун корфармо нисбат ба муҳосиби худ дар асоси зербанди а) банди 2 ҳамин Дастурамал ҳангоми пардохти музди меҳнат супорандаи андози иҷтимоӣ, яъне суғуртакунанда эътироф карда мешавад.*

*Муҳосиб даромадро дар шакли музди меҳнат гирифта дар асоси зербанди в) банди 2 ҳамин Дастурамал супорандаи андози иҷтимоӣ дониста шуда ва барои мақсадҳои Дастурамали мазкур суғурташаванда номида мешавад.*

*Каримов ҳамчун соҳибкори инфиродӣ, дар асоси зербанди г) банди 2 ҳамин Дастурамал нисбати даромади худ аз фаъолияти соҳибкорӣ супорандаи андози иҷтимоӣ эътироф карда шуда, дар яквақт суғуртакунанда ва суғурташаванда ба ҳисоб меравад.*

***Мисол:*** *Шаҳрванди ИМА Джон Брукс (ғайрирезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар доираи шартномаи меҳнатӣ дар ҶДММ «А» ба сифати мушовири Директор кор мекунад. Барои январи соли 2013 ба ӯ ба андозаи 1000 сомонӣ музди меҳнат ҳисоб карда шудааст.*

*Дар мисоли мазкур ҶДММ «А» ва шаҳрванди ИМА Джон Брукс супорандаи андози иҷтимоӣ намебошанд, чунки дар асоси зербандҳои а), б) ва в) банди 2 ҳамин Дастурамал супорандагони андози иҷтимоӣ танҳо шахсони резидент, инчунин шахсоне, ки ба шахсони воқеии-резидент даромад пардохт менамоянд, шуда метавонанд.*

7. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муҳоҷирони меҳнатӣ мебошанд ҳуқуқ доранд ба мақомоти андози маҳалли зисташон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо аризаи хаттӣ муроҷиат намуда, ихтиёран супорандаи андози иҷтимоӣ шаванд ва онро дар ҳаҷм ва бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт намоянд.

## 3. ОБЪЕКТИ АНДОЗБАНДӢ

8. Барои андозсупорандагони дар зербандҳои а) ва в) банди 2 ҳамин Дастурамал объекти андозбандӣ инҳо мебошанд:

а) музди меҳнат, подошпулӣ ва даромадҳои дигари мутобиқи боби 7 («Даромадҳо дар шакли музди меҳнат») ҳамин Дастурамал муайяншаванда, ки аз ҷониби андозсупоранда ба манфиати кормандони кироя пардохт мешаванд;

б) пардохтҳо, подошпулӣ ва ҳар гуна даромад ба манфиати шахси воқеӣ пардохтшванда, ки дар зербандҳои а) ва б) банди 2 ҳамин Дастурамал нишон дода нашудааст. Яъне, ҳамагуна пардохтҳо, подошпулиҳо, ва дигар даромадҳо ба манфиати шахсони воқеӣ, ки бо шартномаи меҳнатӣ кор намекунанд ва ё шахсоне, ки дар доираи шартномаҳои гражданию ҳуқуқӣ иҷрои кор намекунанд ё хизмат намерасонанд;

***Мисол:*** *ҶДММ «А» ба муассисаи табобатӣ барои табобати шаҳрванд Каримов, ки корманди кирояи Ҷамъият намебошад ба андозаи 2000 сомонӣ бо тариқи ройгон пардохт намудааст. Инчунин, Ҷамъият бо Каримов ягон шартномаи гражданию ҳуқуқӣ оид ба иҷрои кор ё хизматрасонӣ надорад.*
*Дар мисоли мазкур пардохт ба андозаи 2000 сомонӣ барои ҶДММ «А» ва шаҳрванд Каримов мутобиқи зербанди б) банди 8 ҳамин Дастурамал объекти андозбандӣ доир ба андози иҷтимоӣ эътироф карда мешавад.*

***Мисол:*** *ҶДММ «А» ба шаҳрванд Самиев С., ки дар натиҷаи офатҳои табиӣ зарар дида буд ба андозаи 3000 сомонӣ кӯмаки молии ройгон (бебозгашт) расонид. Бо вуҷуди ин Самиев С. корманди кирояи Ҷамъият намебошад ва ягон шартномаи гражданию ҳуқуқӣ Самиев С. ва Ҷамъиятро ба ҳам пайваст наменамояд.*

*Дар мисоли мазкур пардохт ба андозаи 3000 сомонӣ барои ҶДММ «А» ва шаҳрванд Самиев С. объекти андозбандӣ доир ба андози иҷтимоӣ ҳисобида мешавад.*

9. Барои андозсупорандагони дар зербандҳои б) ва в) банди 2 ҳамин Дастурамал пешбинигардида объекти андозбандӣ музди меҳнат, подошпулӣ ва манфиатҳои дигар мутобиқи шартномаҳои (қарордодҳои) меҳнатӣ ва граждании ҳуқуқӣ оид ба иҷрои корҳо, хизматрасониҳо, аз ҷумла пардохт ва подошпулӣ мутобиқи шартномаҳои муаллифӣ мебошад, ки андозсупорандагон ба манфиати шахсони воқеие мепардозанд, ки соҳибкорони инфиродӣ намебошанд.

***Мисол:*** *ҶДММ «А» бо шахси воқеӣ Қурбонов, ки соҳибкори инфиродӣ намебошад шартномаи хизматрасонӣ бастааст, ки предмети он тарҷумаи ҳуҷҷатҳо аз забони англисӣ ба забони давлатӣ мебошад. Арзиши хизматрасонӣ дар шартнома барои тарҷумаи ҳар як саҳифа 10 сомонӣ нишон*

*дода шудааст. Бо санади қабул ва супурдани хизматрасонӣ ҳаҷми хизматҳои расонидашуда 800 сомониро ташкил дод.*

*Мутобиқи моддаи 9 Кодекси андоз хизматрасонии шахси воқеӣ дар доираи шартномаҳои граждании ҳуқуқӣ ҳамчун кори кироя муайян карда шуда, фармоишгари хизматрасонӣ нисбат ба шахси воқеӣ ҳамчун корфармо эътироф карда шуда, шахси воқеии хизматрасон корманди кироя эътироф мешавад ва арзиши хизматрасониҳо ҳамчун музди меҳнат муайян карда (баҳо дода) мешаванд.*

*Бинобар ин, пардохт ба манфиати Курбонов мутобиқи банди 9 ҳамин Дастурамал объекти андозбандии андози иҷтимоӣ ҳамчун барои суғуртакунанда (ҶДММ «А») ва ҳамчунин барои шахси суғурташаванда (Қурбонов)мебошад.*

*Агар шахси воқеии хизматрасон дар доираи шартномаи граждании ҳуқуқии ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шуда бошад пас ҳангоми пардохти даромад объекти андозбандии андози иҷтимоӣ пайдо намешавад. Дар ин вақт манбаи пардохт (шахси даромадро пардохткунанда) вазифадор аст нусхаи ҳамаи ҳуҷҷатҳои (шаҳодатнома, патент, ҳуҷҷатҳои бонкӣ доир ба пардохти маблағи патент барои давраи хизматҳои расонидашуда ва дигар ҳуҷҷатҳо) тасдиқкунандаро, ки шахси хизматрасон бо тариқи даркорӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шудааст, дошта бошад.*

10. Мутобиқ ба бандҳои 8 ва 9 ҳамин Дастурамал ба объекти андозбандӣ дохил намешаванд:

а) маблағҳое, ки дар доираи шартномаҳои граждании ҳуқуқӣ, ки мавзӯи онҳо гузариши ҳуқуқи моликият ё дигар ҳуқуқи молӣ ба молу мулк (ҳуқуқи молу мулкӣ) мебошад, инчунин шартномаҳои марбут ба додани ҳуқуқи истифодаи молу мулк (ҳуқуқи молу мулкӣ) пардохт шудаанд;

б) маблағҳое, ки дар асоси шартномаҳои (қарордодҳои) меҳнатии бо филиал ва намояндагии шахсони ҳуқуқӣ-резидентҳои берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта басташуда ба манфиати шахсони воқеие пардохт мешаванд, ки шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрванд мебошанд;

в) маблағҳое, ки ба манфиати шахсони воқеӣ - шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрвандӣ бо сабаби аз ҷониби онҳо анҷом додани фаъолият берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи шартномаҳои басташудаи хусусияти граждании ҳуқуқидошта, ки матлаби онҳо иҷрои кор, расонидани хизмат мебошад, пардохт шудаанд;

***Мисол:*** *Шахси воқеӣ Содиқов, ки соҳибкори инфиродӣ намебошад аз рӯи шартномаи иҷора биное, ки моликияти ӯ мебошад ба ҶДММ «А» барои истифодаи муваққатӣ медиҳад. Мутобиқи шартномаи иҷора (шартномаи граждании ҳуқуқӣ) пардохти ҳармоҳаи иҷора 1000 сомониро ташкил медиҳад. Дар мисоли мазкур мутобиқи зербанди а) банди 10 ҳамин*

*Дастурамал ҳангоми дар доираи шартномаҳои граждании ҳуқуқӣ (шартномаи иҷора) пардохт намудани пардохти иҷора ба манфиати шахси воқеӣ Содиқов объекти андозбандии андози иҷтимоӣ дар тарафҳои шартнома ба вуҷуд намеояд.*

***Мисол:*** *Кооперативи истеҳсолӣ «Б» аз шахси воқеие, ки соҳибкори инфиродӣ намебошад маҳсулоти хоҷагии қишлоқи ҳуқуқи моликияти дар ихтиёрдоштаи ӯро мехарад. Дар мисоли мазкур ҳам мутобиқи зербанди а) банди 10 ҳамин Дастурамал ҳангоми пардохт намудани даромад ба шахси воқеӣ объекти андозбандии андози иҷтимоӣ ба вуҷуд намеояд.*

11. Барои андозсупорандагони дар зербанди г) банди 2 ҳамин Дастурамал пешбинигардида (шахсони воқеие, ки фаъолияти соҳибкориро дар асоси Шаҳодатнома амалӣ менамоянд), объекти андозбандӣ даромади умумӣ аз фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

12. Шахсони воқеии фаъолияти соҳибкории инфиродиро тибқи патент анҷомдиҳанда ва аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ки фаъолияти кишоварзиро бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ анҷом медиҳанд андози иҷтимоиро бо меъёр ва тартиби пешбининамудаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №451 аз 31 августи соли 2012 пардохт менамоянд.

*Мутобиқи қисми 2 қарори мазкур «Барои аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ки фаъолияти кишоварзиро бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ анҷом медиҳанд, меъёри андози иҷтимоӣ ба андозаи 10 сомонӣ дар як моҳ муқаррар гардидааст. Маблаги пардохти андози иҷтимоии аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ метавонад аз андози муқарраршуда зиёдтар бошад».*

*Маблаги андози иҷтимоӣ барои ҳар моҳ ва барои ҳар як аъзои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ), ки фаъолияти кишоварзиро бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ анҷом медиҳанд пардохта шуда аз фаъолияти хусусияти мавсимидоштаи чунин хоҷагиҳо ва аз даромади аъзоёни ин хоҷагиҳо вобастагӣ надорад. Яъне, андозаи солонаи ҳади ақали андози иҷтимоӣ барои як аъзои хоҷагӣ бояд на кам аз 120 сомониро ташкил диҳад. Талаботи мазкур ба роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)низ, ки фаъолияти кишоварзиро бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ анҷом медиҳанд, ки онҳо мутобиқи моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шудаанд татбиқ мегардад. Ба тарзи дигар гӯем роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ки фаъолияти кишоварзиро бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ анҷом медиҳанд, ки ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шудаанд, ҳамчунин андози иҷтимоиро ба андозаи на кам аз 10 сомонӣ пардохт менамоянд.*

*Қайд кардан зарур аст, ки ҳар як аъзои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) мисли ҳамагуна дигар шахси суғурташуда мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ" таҳти №860 аз 3 июли соли 2012 бо мақсади:*

*а) ташкил намудани шароит барои муқаррар намудани нафақаи суғуртавӣ мутобиқи натиҷаҳои меҳнати ҳар як шахси суғурташуда;*

*б) таъмини пурра ва дурусти маълумотҳо дар бораи музди меҳнат, дигар даромаҳо ва собиқаи суғуртавӣ, ки ҳангоми муқаррар намудани он андозаи нафақаи суғуртавиро муайян мекунанд;*

*в) муқаррар намудани нафақаҳои суғуртивӣ дар асоси собиқаи суғуртавии шахсони суғурташуда ва пардохтҳои суғуртавии аз ҷониби онҳо пардохтшуда;*

*г) ташкил намудани шароит барои назорати супоридани падохтҳои суғуртавӣ аз ҷониби шахсони суғурташуда;*

*д) содда намудани тартиб ва тезонидани қоидаҳои муқаррар намудани нафақаи суғуртавӣ барои шахсони суғурташуда*

*бояд рақами суғуртавии мушаххасро бо тартиби пешбининамудаи қонуни мазкур гиранд ва шаҳодатномаи ҳатмии нафақаи суғуртавӣ дошта бошанд, ки дорои рақами суғуртавии мушаххас, суратҳисоби инфиродӣ, санаи бақайдгирӣ ба сифати шахси суғурташуда, ном, насаб ва номи падарӣ бошад.*

*Мутобиқи моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» таҳти №526 аз 19 майи соли 2009:*

*1. Аъзоёни хоҷагии деҳқонӣ падару модар (волидайн), ҳамсарон (зан, шавҳар), фарзандон ва дигар шахсони қобилияти меҳнат, ки дар меҳнати якҷояи ин хоҷагӣ банд мебошанд, шуда метавонанд.*

*2. Аъзогӣ дар хоҷагии деҳконӣ бо бақайдгирӣ дар дафтарчаи меҳнатӣ ва шартнома дар бораи фаъолияти якҷояи аъзоёни хоҷагии деҳқонӣ муйян карда мешавад.*

*3. Шахсоне, ки дар хоҷагии деҳқонӣ аз рӯи шартномаи меҳнатӣ кор мекунанд, ба ҳайати хоҷагии деҳқонӣ дохил намешаванд ва муносибатҳои меҳнатии онҳо тибқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешавад.*

*Бинобар ин, меъёрҳои пешбининамудаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 451 аз 31 августи соли 2012 танҳо барои аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) пешбинӣ карда шудаанд. Шахсоне, ки дар хоҷагиҳои деҳқонӣ аз рӯи шартномаҳои меҳнатӣ кор мекунанд, ба ҳайати хоҷагии деҳқонӣ дохил намешаванд ва муносибатҳои меҳнатии онҳо бо Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда шуда андозбандии чунин шахсон бо андози иҷтимоӣ ва андози даромад мутобиқ ба шахсони дар зербандҳои а) ва в) банди 2 Дастурамали мазкур пешбинигардида, амалӣ карда мешавад.*

## 4. МАНБАИ АНДОЗ

13. Манбаи андози андозсупорандагон-корфармоёни дар зербанди а) банди 2 Дастурамали мазкур пешбинигардида, ҳамчун маблағи музди

меҳнат, подошпулӣ ва манфиатҳои дигаре муайян карда мешаванд, ки корфармоён барои давраи андоз ба шахсони воқеӣ мепардозанд.

14. Манбаи андози андозсупорандагони дар зербанди б) банди 2 Дастурамали мазкур пешбинигардида ҳамчун маблағи пардохтҳо, подошпулиҳо ва манфиатҳое муайян карда мешаванд, ки бе тарҳкунӣ ба шахсони воқеӣ дар давраи андоз ҷуброн карда мешаванд.

15. Манбаи андози андозсупорандагон-шахсони воқеии дар зербенди в) банди 2 Дастурамали мазкур пешбинигардида, ҳамчун маблағи музди меҳнат, пардохтҳо, подошпулӣ ва манфиатҳои дигаре муайян карда мешаванд, ки онҳо бе тарҳкунӣ дар давраи андоз мегиранд.

16. Манбаи андози соҳибкорони инфиродӣ, аз ҷумла аъзои хоҷагиҳои деҳқонии (фермерии) бе таъсиси шахси ҳуқуқии дар зербанди г) банди 2 Дастурамали мазкур пешбинигардида ҳамчун даромади умумӣ бе тарҳкунӣ муайян карда мешавад, ки чунин андозсупоранда дар давраи андоз дар шакли пулӣ ва (ё) аслӣ (натуралӣ) аз фаъолияти соҳибкорӣ гирифтааст.

17. Барои шахсони воқеӣ-резидентҳо, ки ба намояндагиҳои дипломатӣ, консулии давлатҳои хориҷӣ, намояндагиҳои ташкилотҳои байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ӯҳдадориҳои худро ба сифати андозсупорандагон иҷро намекунанд, дар асоси шартномаҳои (қарордодҳои) меҳнатӣ ва (ё) граждании ҳуқуқӣ кор иҷро мекунанд ва хизмат мерасонанд, манбаи андоз ҳамчун маблағи музди меҳнат, пардохтҳо ва дигар подошпулиҳое, ки дар давраи андоз бе тарҳкунӣ мегиранд, муайян карда мешавад. Маълумот дар бораи даромади ин шахсони воқеӣ ба мақоми ваколатдори давлатӣ ҳар семоҳа то санаи 15-уми моҳе, ки баъд аз семоҳаи сипаришуда фаро мерасад, аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

18. Ҳангоми муайянкунии манбаи андоз ҳама гуна пардохтҳо ва подошпулиҳо, аз ҷумла подошпулиҳои муаллифӣ, ки ҳамчун объекти андозбандӣ муайян шудаанд, аз ҷумла пардохти пурра ё ҷузъии молҳои (корҳо, хизматрасониҳо, ҳуқуқҳои молумулкӣ ё ҳуқуқҳои дигари) барои шахсони воқеӣ муқарраргардида, ба истисноҳои имтиёзҳои дар боби 9 Дастурамали мазкур муайяншуда, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

19. Ҳангоми ҳисобкунии манбаи андози пардохтҳо ва дигар подошпулиҳо дар шакли аслӣ (натуралӣ) дар шакли молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) арзиши чунин молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) дар рӯзи супоридани онҳо (ҳисобкунӣ) дар асоси нархҳои (тарифҳои) бозории онҳо, ҳангоми танзими давлатии нархҳо (тарифҳо) ба чунин молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) бошад, дар асоси нархҳои чаканаи танзимшавандаи давлатӣ истифода мешаванд.

## 5. МЕЪЁРҲОИ АНДОЗИ ИҶТИМОӢ

20. Меъёрҳои андоз барои андози иҷтимоӣ, ки ба буҷет пардохта мешавад барои суғуртакунандагон 25 фоиз ва барои суғурташудагон 1 фоизро ташкил медиҳад.

21. Барои шахсони воқеии фаъолияти соҳибкории инфиродиро тибқи патент анҷомдиҳанда, аз ҷумла аъзои хоҷагиҳои деҳқонии (фермерии) бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ андозаи ҳадди ақали андози иҷтимоӣ дар қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №451 аз 31 августи соли 2012 муқаррар карда шудаанд.

22. Барои соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома амалкунанда меъёри андози иҷтимоӣ ба сифати шахсони суғурташуда ба 1 фоизи манбаи андоз, ки дар банди 16 Дастурамали мазкур пешбинӣ гардидааст, вале на камтар аз андозаи ҳадди аксари андози иҷтимоӣ барои соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда муқарраршуда, новобаста ба андозаи даромади гирифташуда, баробар мебошад.

*Мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №451 аз 31 августи соли 2012 маблаги калонтарини андози иҷтимои барои соҳибкори инфиродии тибқи патент амалкунанда 150 сомониро ташкил медиҳад.*

*Барои шаҳри Душанбе маблагии калонтарини андози иҷтимоӣ бо назардошти коэфисенти калонтарини минтақавӣ баробар ба 180 сомонӣ (150*1,2) мебошад. Бинобар ин, соҳибкорони инфиродие, ки дар шаҳри Душанбе ба қайд гирифта шудаанд ӯҳдадоранд ҳар моҳ чунин ҳисоббаробаркунӣ кунанд:*

*Даромади умумӣ барои моҳи тақвимӣ * 1% =маблаги андози иҷимоӣ аз даромади умумӣ.*

*Агар маблаги андози иҷтимоии аз даромади умумӣ ҳисобшуда аз 180 сомонӣ зиёд бошад ба буҷет маблаги андози иҷтимоии аз даромад ҳисобшуда пардохт карда мешавад:*

*Агар маблаги андози иҷтимоии аз даромади умумӣ ҳисобшуда аз 180 сомонӣ кам бошад ба буҷет маблаги андози иҷтимоӣ ба андозаи 180 сомонӣ пардохт карда мешавад.*

| Номи шаҳрҳо ва ноҳияҳо | Коэфисентҳои минтақавӣ | Меъёри хурдтарини андози иҷтимоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|
| Шаҳри Душанбе | 1,2 | 180 |
| Шаҳрҳои Хуҷанд ва Қурғонтеппа | 1,15 | 172 |
| Шаҳрҳои Истаравшан, Турсунзада, Кайроққум, Ваҳдат, Чкаловск; Марказҳои маъмурии ноҳияҳои Рӯдакӣ, Ҳисор, Б. Ғафуров | 1,1 | 165 |
| Шаҳрҳои Конибодом, Исфара, Кулоб, Сарбанд; Марказҳои маъмурии ноҳияҳои | 1,0 | 150 |

| | | |
|---|---|---|
| Спитамен, Ҷабор Расулов, Ҷ.Румӣ, Данғара, Бохтар, Вахш | | |
| Шаҳрҳои Роғун, Норак, Табошар, Хоруғ; Марказҳои маъмурии ноҳияҳои Шаҳринав, Файзобод, Варзоб, Ҷиликул, Қумсангир, Панҷ, Қубодиён, Шаҳритус, А.Ҷами, Хуросон, Восеъ, Фархор, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Ёвон, Ашт, Зафаробод, Мастчоҳ, Ғончӣ, Н.Хусрав | 0,85 | 127,5 |
| Дигар шаҳрҳо ва марказҳои маъмурии дигар ноҳияҳо ва маҳалҳои деҳот | 0,7 | 105 |

23. Барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба намояндагиҳои дипломатии (консулии) давлатҳои хориҷӣ ва намояндагиҳои ташкилотҳои байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунанд ва хизмат мерасонанд ва андози иҷтимоиро мустақилона пардохт менамоянд, ки дар банди 17 Дастурамали мазкур пешбинӣ гардидаанд меъёри андози иҷтимоӣ ба сифати суғуртакунандагон дар ҳаҷми 25 фоиз ва ба сифати суғурташудагон 1 фоиз муқаррар карда мешавад.

*Дар моддаи 33 Конвенсияи Венагӣ оид ба муносибатҳои дипломатӣ аз 18 апрели соли 1961, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он 4 ноябри соли 1995 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №184 аз 4.11.1995) ҳамроҳ шудааст, пешбинӣ шудааст, ки:*

*Моддаи 33*

*1. Ҳангоми риоя гардидани банди 3 моддаи мазкур қарор оид ба таъмини иҷтимоӣ, ки дар давлати буду бош амал мекунад нисбат ба хизматҳои дар давлати аккредитатсияшуда расонидашуда ба агенти дипломатӣ паҳн намешавад.*

*2. Истиснои дар банди 1 моддаи мазкур пешбинишуда, инчунин ба кормандони хонагие, ки танҳо дар хизмати агентҳои дипломатӣ мебошанд, бо чунин шартҳо паҳн мегардад,*

*а) ки онҳо шаҳрвандони давлати буду бош намебошанд ё дар он истиқомати доимӣ намекунанд,*

*b) ки ба онҳо қарор оид ба таъмини иҷтимоӣ, ки дар давлати аккредитатсияшуда ё давлати сеюм амал мекунад паҳн мегардад.*

*3. Агентони дипломатӣ кирокунандагони шахсоне, ки ба онҳо истиснои пешбининамудаи банди 2 моддаи мазкур паҳн намешавад, бояд ӯҳдадории корфармоён, ки бо қарорҳои оид ба андози иҷтимоӣ, ки дар давлати буду бош амал мекунанд, вогузор шудаанд, иҷро намоянд.*

*Намояндагиҳои дипломатии (консулӣ) давлатҳои хориҷӣ, намояндагиҳои ташкилотҳои байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯҳдадоранд талаботи Конвенсия ва Кодекси андозро иҷро намоянд ва андози иҷтимоиро аз даромадҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ситононанд/пардохт намоянд. Дар ҳолати иҷро накардани талаботи*

*Конвенсия ва Кодекси андоз оид ба пардохти андози иҷтимоӣ нисбат ба даромади шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи шартномаи гражданию ҳуқуқӣ кор ва ё хизмат мерасонанд, пас ӯҳдадорӣ доир ба пардохти андози иҷтимоӣ (бо меъёрҳои 1% ва 25%) ба чунин шахсон вогузор карда мешавад.*

*Пардохти маблаги андози иҷтимоӣ ва мӯҳлати пешниҳод намудани эъломия аз ҷониби чунин шахсон дар мӯҳлатҳои пешбининамудаи банди 31 Дастурамали мазкур иҷро карда мешавад.*

24. Барои мақсадҳои суғуртаи иҷтимоӣ, аз ҷумла таъмини нафақаи соҳибкорони инфиродӣ, аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ки шахсони ҳуқуқӣ нестанд ва шахсони дар бандҳои 21 ва 22 Дастурамали мазкур пешбинигардида маблағи умумии андози иҷтимоии мутобиқи муқаррароти фасли мазкур пардохтшуда 20 фоизи даромадеро ташкил медиҳад, ки барои мақсадҳои суғуртаи иҷтимоӣ аз ҷониби шахсони воқеии дар боло нишондодашуда гирифта шудааст (эъломия шудааст). Дар ҳолати нокифоя будани собиқаи суғурта, маблағи умумии андози иҷтимоии барои тамоми давраи суғуртаи воқеии иҷтимоӣ пардохтшуда барои даврае амалигашта маҳсуб мешавад, ки он на камтар аз собиқаи ҳадди ақали суғуртавии барои таъин намудани нафақаҳо ва шаклҳои дигари таъминоти иҷтимоӣ мутобиқи қонунгузорӣ дар бораи суғуртаи иҷтимоии давлатӣ муқарраршуда мебошад.

## 6. ДАВРАИ АНДОЗ, ТАРТИБИ ҲИСОБКУНӢ ВА ПАРДОХТАНИ АНДОЗ

25. Давраи андози иҷтимоӣ моҳи тақвимӣ мебошад, агар дар Дастурамали мазкур тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

26. Маблағи андози иҷтимоӣ, ки ба буҷет бояд гузаронда шавад бо роҳи зарб задани манбаи андозбандӣ ба меъёрҳои дахлдори андоз муайян карда мешавад.

27. Андози иҷтимоӣ дар ҳолатҳои дар бандҳои а) ва б) бани 2 Дастурамали мазкур пешбинишуда, инчунин нисбат ба аъзои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) бе таъсис додани шахси ҳуқуқӣ мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи моддаи 125 Кодекси андоз то санаи 15-уми моҳе, ки пас аз давраи андозӣ фаро мерасад, ба буҷет гузаронда мешавад.

***Мисол:*** *Қурбонов (резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар доираи шартномаи меҳнатӣ дар ҶДММ «А» ба сифати иқтисодчӣ кор мекунад. Кор дар ҶДММ «А» барои Қурбонов ҷои кори асосӣ мебошад. Барои моҳи январи соли 2013 ба ӯ ба андозаи 1000 сомонӣ музди меҳнат ҳисоб карда шудааст.*

*Ҳисоб намудани андози иҷимоӣ:*

*1000*25%=250 – Аз музди меҳнати Қурбонов андози иҷтимоӣ ҳисоб карда шуд, ки аз ҷониби корфармо ба буҷет пардохт карда мешавад. Дар ин ҳолат ҶДММ «А» мутобиқи зербанди а) банди 2 ва банди 4 Дастурамали*

*мазкур ҳамчун сугуртакунанда ва Қурбонов мутоби зербанди в) банди 2 ва банди 6 ҳамин Дастурамал сугурташуда эътироф карда мешаванд.*

*1000 * 1% = 10 сомонӣ – андози иҷтимоӣ аз даромад дар шакли музди меҳнати Қурбонов, ки аз ҷониби шахси пардохткунандаи даромад ситонида мешавад, яъне аз ҷониби ҶДММ «А».*

*Азбаски музди меҳнати ҳисобшудаи Қурбонов аз 140 сомонӣ зиёд мебошад барои мақсадҳои ҳисоб намудани андози даромад ду меъёр 8% ва 13% татбиқ карда мешавад.*

*Тартиби ҳисоб намудани андози даромад:*

*1000 - 10 (тарҳ оид ба андози иҷтимоии ситонидашуда)=990*

*(140 – 40 тарҳи шахсӣ) * 8% = 8 сомонӣ, андози даромад аз 140 сомонӣ – бо меъёри 8%.*

*990-140=850;*

*850 * 13% = 110,5 сомонӣ, андози даромад аз маблаги аз 140 сомонӣ зиёд, яъне аз 850 сомонӣ.*

*Маблаги андози даромад 8+110,5=118,5 сомонӣ, ки бояд аз музди меҳанти ҳисобшуда ситонида шавад.*

*1000 (музди меҳнати ҳисобшуда) – 10 (андози иҷтимоӣ) – 118,5 (андози даромад) = 871,5 сомонӣ – музди меҳнати софи (тозаи) Қурбонов бо назардошти тарҳи андози даромад ва андози иҷтимоӣ.*

*Чиавре, ки дар банди 27 Дастурамали мазкур нишон дода шудааст андози иҷтимоӣ (25% ва 1%) то санаи 15 моҳи минбаъдаи баъд аз давраи ҳисоботӣ, яъне дар мисоли мазкур то 15 феврали соли 2013 ба буҷет пардохт карда мешавад. Лекин мутобиқи талаботи қисми 3 моддаи 125 Кодекси андоз бояд чунин талабот ба инобат гирифта шавад:*

*«Шахсоне, ки андозро аз манбаи пардохт меситонанд (ҳисоб мекунанд), аз ҷумла шахсоне, ки барои пардохти музди меҳнат аз ташкилотҳои қарзӣ маблаг мегиранд, вазифадоранд:*

*- андозҳои ситонидашударо (ҳисобшударо), аз ҷумла андози иҷтимоиро ба буҷет ҳамзамон бо гирифтани маблагҳо барои пардохти даромад дар шакли музди меҳнат, дар дигар ҳолатҳо – дар давоми 5 рӯзи корӣ баъди ба охир расидани моҳе, ки дар он пардохтҳо (маблагҳо) супорида шуда буданд, гузаронанд.».*

*Бинобар ин, агар Ҷамъият воситаҳои пулиро барои пардохти музди меҳнат аз ташкилоти қарзӣ гирад, дар баробари гирифтани воситаҳои пулӣ барои музди меҳанат Ҷамъият вазифадор аст андози иҷтимоиро бо меъёрҳои 25% ва 1% ва андози даромадро пардохт намояд.*

*Зеро, ки мутобиқи қисми 4 моддаи 125 Кодекси андоз:*

*«Ба ташкилотҳои қарзӣ додани маблагҳои пули нақд барои пардохти даромад дар шакли музди меҳнат бе пешакӣ ба буҷет аз ҷониби андозсупорандагон (агентҳои андоз) гузаронидани маблаги андоз аз даромад ва андози иҷтимоие, ки ба маблаги воситаҳои пули нақди дар боло пешбинигардида алоқаманд аст, манъ аст.».*

28. Соҳибкорони инфиродие, ки тибқи патент фаъолият мекунанд, андози иҷтимоиро ҳамзамон бо гузаронидани маблағ ба буҷет барои патент месупоранд. Соҳибкорони инфиродие, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият мекунанд, барои давраи андоз то санаи 15-уми моҳе, ки баъд аз давраи ҳисоботӣ фаро мерасад, эъломияи андозро аз рӯи шакли дар замимаи Дастурамали мазкур овардашуда пешниҳод намуда, дар ҳамин мӯҳлат маблағи андозро пардохт менамоянд.

***Мисол:*** *Даромади умумии соҳибкори инфиродӣ Ибодов барои моҳи январи соли 2013, 3000 сомониро ташкил дод.*

*Даромади умумӣ бо усули кассавӣ ҳисоб карда шуда, андози аксизӣ ва андоз аз фурӯши (нахи пахта ва алюминийи аввалияро) дар бар намегирад. Андозсупорандае, ки баҳисобгириро бо усули кассавӣ пеш мебарад, бояд даромадро дар санаи гирифтани он ҳисоб карда, тарҳи хароҷотро дар санаи амалӣ намудани он анҷом диҳад.*

*Лаҳзаи гирифтани даромад ҳангоми истифодаи усули кассавӣ инҳо мебошанд:*

*1. Агар андозсупоранда маблағҳои пулӣ гирад, пас лаҳзаи гирифтани даромад лаҳзаи гирифтани маблағҳои пулии нақд ва ҳангоми пардохти ғайринақдӣ бошад, лаҳзаи ворид гардидани маблағҳои пулӣ ба суратҳисоби бонкии ӯ ё дигар суратҳисобе ба ҳисоб меравад, ки ӯ ихтиёрдорӣ карда метавонад ё ҳуқуқи аз он гирифтани маблағҳои мазкурро дорад.*

*2. Дар сурати бекор кардан ё пӯшонидани ӯҳдадории молиявии андозсупоранда, аз ҷумла ҳангоми баҳисобгирии байниҳамдигарӣ, лаҳзаи гирифтани даромад лаҳзаи бекор кардан ё пӯшонидани ӯҳдадорӣ ба ҳисоб меравад.*

*3. Дар ҳолати дар мӯҳлати зиёда аз 6 моҳи тақвимӣ амалӣ нагардидани ҳисоббаробаркуниҳо барои молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) аз ҷониби андозсупоранда таҳвилшуда, лаҳзаи гирифтани даромад бо усули кассавӣ ба андозсупоранда пардохтшуда ҳисобида мешавад ва ҳисоббаробаркунӣ дар моҳи пурраи тақвимии охирон анҷомдодашуда ҳисобида мешавад.*

*Ҳисоббабробаркунии андози иҷтимоӣ мутобиқи тартиби пешбининамудаи банди 23 Дастурамали мазкур чунин мебошад.*

*3000 *1% = 30 сомонӣ – маблағи андози иҷтимоии аз даромади умумӣ ҳисобшуда;*

*Бо назардошти он ки 30 сомонӣ аз 180 сомонӣ (нишондиҳандаи дар бандӣ 22 Дастурамали мазкур пешбинигардида) кам мебошад, пардохти андози иҷтимоӣ барои соҳибкори инфиродӣ Ибодова доир ба андози иҷтимоӣ барои моҳи январ 180 сомониро ташкил медиҳад, ки онро ӯ бояд то 15 феврали соли 2013 пардохт намуда ва дар ҳамин мӯҳлат эъломияи андози иҷтимоиро пешниҳод намояд.*

29. Андозсупорандагон-шахсони ҳуқуқӣ, воҳидҳои алоҳидаи онҳо, муассисаҳои доимии ғайрирезидентҳо, соҳибкорони инфиродии тибқи

шаҳодатнома фаъолияткунандаи дар бандҳои а) ва б) банди 2 Дастурамали мазкур пешбинигардида эъломияи ягонаи андози иҷтимоӣ ва андоз аз даромадро ба мақомоти андози маҳалли бақайдгирии худ ҳармоҳа то санаи 15-уми моҳе, ки баъд аз моҳи ҳисоботӣ фаро мерасад, пешниҳод намуда, дар ҳамин мӯҳлат маблағи андозҳоро пардохт менамоянд.

30. Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) бе таъсис додани шахси ҳуқуқӣ ҳар нимсолаи тақвимӣ то санаи 15-уми моҳе, ки баъд аз нимсолаи ҳисоботӣ фаро мерасад, ба мақомоти андози маҳалли баҳисобгириашон нисбат ба аъзои ин хоҷагиҳо эъломияи ягонаи андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ пешниҳод намуда, дар ҳамин мӯҳлат маблағи андозҳоро пардохт менамоянд.

31. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар бандҳои 17 ва 23 Дастурамали мазкур зикр шудаанд, ҳар семоҳа то санаи 15-уми моҳе, ки баъд аз семоҳаи ҳисоботӣ фаро мерасад, ба мақомоти андози маҳалли баҳисобгирии худ (аз рӯи маҳали зист, аз рӯи ҷойгиршавии корфармо) эъломияи ягонаи андози иҷтимоӣ ва андоз аз даромад пешниҳод намуда, дар ҳамин мӯҳлат пардохти андозҳоро таъмин менамоянд.

32. Нигоҳ доштани андоз аз даромад ва пардохт намудани андози иҷтимоӣ аз даромадҳои аз буҷет маблағгузоришавандаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ташкилотҳои байналмилалӣ, муассисаҳои дипломатӣ, консулӣ ва дигар муассисаҳои ба онҳо баробаркардашуда ба ҳайси намояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа фаъолият менамоянд, ба таври марказонидашуда бо тартибе, ки Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо мақоми ваколатдори давлатӣ муайян кардаанд, анҷом дода мешаванд.

33. Андози иҷтимоиро ба ҷои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ташкилотҳои байналмилалӣ, намояндагиҳои дипломатӣ, консулӣ ва ташкилотҳои ба онҳо баробаркардашудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа дар хизмати давлатӣ қарор доранд, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар семоҳа ҳамчун корфармо то санаи 15-уми баъди семоҳаи ҳисоботӣ ҳисоб пешниҳод намуда, дар ҳамин мӯҳлат андозро меситонад.

34. Новобаста аз дигар муқаррароти Дастурамали мазкур андози иҷтимоӣ нисбати шахсони воқеие, ки дар воҳидҳои махсуси шахсони ҳуқуқӣ кор мекунанд мутобиқи қонунгузории буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти маблағҳои ин андозҳо байни буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ба буҷети маҳали ҷойгиршавии воҳидҳои махсус пардохт карда мешаванд.

## 7. ДАРОМАДҲО ДАР ШАКЛИ МУЗДИ МЕҲНАТ

35. Ҳама гуна пардохтҳо, манфиатҳо ё подошҳо, аз ҷумла дар шакли моддӣ ва ғайримоддӣ, ки ба шахсони воқеӣ пардохт мешавад, новобаста ба шакл ва маҳалли пардохт даромаде ҳисоб мешавад, ки дар шакли музди меҳнат гирифта шудааст, аз ҷумла:

а) даромадҳо аз меҳнати кироя;

б) даромадҳо аз хизматрасонӣ (иҷрои кор) мутобиқи шартномаи хусусияти граждании ҳуқуқӣ дошта ё бе чунин шартномаҳо, аз ҷумла подошпулиҳо аз шартномаҳои муаллифӣ, ба истисноии шартномаҳое, ки мавзӯи онҳо гузариши ҳуқуқи моликият ё ба дигар шахс додани ҳуқуқи молумулкӣ мебошад;

***Мисол:*** *ҶДММ «А» ба шахси воқеӣ аз рӯи шартномаи муаллифӣ барои нашр намудан дар воситаҳои ахбори омма ба андозаи 500 сомонӣ подошпулӣ ҳисоб намуд. Мутобиқи банди 10 Дастурамали мазкур пардохт ва подошпулӣ мутобиқи шартномаҳои муаллифӣ барои шахсони суғурташуда ва ҳам барои суғуртакунанда объекти андози иҷтимоӣ эътироф карда мешаванд.*

*Мутобиқи моддаи 125 Кодекси андоз ҶДММ «А» ҳамчун агенти андоз баромад менамояд, ки ба он ӯҳдадориҳои ҳисоб намудан, ситонидан ва ба буҷети дахлдор гузаронидани маблағи андозҳои аз ҳамаи даромадҳои аз Ҷамъият гирифтаи шахси воқеӣ ҳисобшуда вогузор карда шудаанд.*

*Агентҳои андоз ӯҳдадоранд маблағи ҳисобшудаи андози даромад ва андози иҷтимоиро бевосита аз даромадҳои андозсупоранда ҳангоми амалан пардохт намудани онҳо ситонанд. Санаи амалан гирифтани даромад дар шакли подошпулии муаллифӣ, чун рӯзи пардохти подошпулӣ муайян карда мешавад.*

*Ҳисоб намудани андози иҷтимоӣ:*

*500*25%=125 сомонӣ – андози иҷтимоӣ аз подошпулии муаллифӣ ҳисоб карда шуд, ки аз ҷониби Ҷамъият ба буҷет пардохта мешавад.*

*500 * 1% = 10 сомонӣ – андози иҷтимоӣ аз даромади муаллиф, ки аз ҷониби шахси даромад пардохткунанда, яъне ҶДММ «А» нигоҳ дошта мешавад.*

в) даромадҳо аз меҳнати кироягӣ пешина, ки дар шакли нафақа ё дигар шакл гирифта мешаванд ё даромадҳо аз меҳнати кироягӣ минбаъда.

г) даромаде, ки андозсупоранда дар шакли музди меҳнат гирифтааст, шаклҳои зерини пардохти аслро (натуралиро) дар бар мегирад:

- пардохти музди меҳнат дар шакли аслӣ (натуралӣ);

- арзиши молу мулке, ки ройгон дода мешавад. Арзиши корҳои (хизматрасониҳои) ройгон иҷрошуда дар ҳаҷми хароҷоте муайян карда мешавад, ки бинобар иҷрои чунин корҳо, хизматрасониҳо сарф шудаанд;

***Мисол:*** *Ширкати сохтмонии «А» дар моҳи январи соли 2013 ба ҳуқуқшиноси ширкат Рустамов ба андозаи 2000 сомонӣ музди меҳнат ҳисоб намуд. Дар худи ҳамин моҳ ширкати сохтмонии «А» аз ҳисоби худ таъмири хонаи ба Рустамов тааллуқдоштаро ройгон анҷом дод. Таъмири хона барои ширкати сохтмонӣ ба 3000 сомонӣ баробар шуд. Арзиши таъмири ройгонгирифта барои Рустамов бо мақсади андозбандӣ ҳамчун даромади ӯ дар шакли музди меҳнат баҳо дода (дониста) мешавад.*

*Дар ин мисол даромади (музди меҳнати) Рустамов бо мақсади ҳисоб намудани андози иҷтимоӣ ва андози даромад барои моҳи январ 5000 сомонӣ. 2000 сомонӣ-музди меҳнати ҳисобшуда.*

*3000 сомонӣ - даромади дар шакли аслӣ дар намуди таъмири ройгони хона аз тарафи ширкати сохтмонии «А» (корфармо) гирифташуда.*

*Ҳисоби андози иҷтимоӣ:*

*5000*1% = 50 сомонӣ – андози иҷтимоии Рустамов (шахси суғурташуда), ки аз ҷониби корфармо (суғуртакунанда) нигоҳ дошта мешавад ва ба буҷети давлат пардохт карда мешавад.*

*5000*25% = 1000 сомонӣ, маблағи андози иҷтимоӣ, ки Ширкати сохтмонии «А» ба сифати суғуртакунанда пардохт менамояд.*

- аз ҷониби корфармо пардохт гардидани арзиши молҳо, иҷрои корҳо, хизматрасониҳо, ки корманд аз шахсони сеюм гирифтааст.

***Мисол:*** *Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбонов дар ҶДММ «А» ҳамчун коргузор кор мекунад. Барои моҳи январи соли 2013 ба Қурбонов ба андозаи 1000 сомонӣ музди меҳнат ҳисоб карда шуд. ҶДММ «А» аз ҳисоби худ ҳуроки кормандони худро ба ошхонаи дар наздикии Ҷамъият воқеъбуда пардохт мекунад. Арзиши як хӯрок 10 сомониро ташкил менамояд. Дар моҳи тақвимӣ 22 рӯзи корӣ мебошад.*

*Дар чунин ҳолат даромади (музди меҳнати) Қурбонов бо мақсади ҳисоб намудани андози иҷтимоӣ ва андози даромад 1220 сомонро ташкил менамояд:*

*1000 сомонӣ – музди меҳнат;*

*220 сомонӣ (22рӯз х 10 сомонӣ) даромади дар шакли аслӣ дар намуди пардохти хӯрок аз ҷониби ҶДММ «А» (корфармо).*

*Ҳисоби андози иҷтимоӣ:*

*1220*1% = 12,20 сомонӣ – андози иҷтимоии Қурбонов (суғурташуда), ки аз ҷониби корфармо (суғуртакунанда) нигоҳ дошта мешавад ва ба буҷети давлат пардохт карда мешавад.*

*1220*25% = 305 сомонӣ, маблағи андози иҷтимоӣ, ки аз ҷониби ҶДММ «А» ба сифати суғуртакунанда пардохта мешавад.*

36. Барои мақсадҳои банди 35 Дастурамали мазкур арзиши манфиати андозсупоранда ба маблағҳои зерин бо тарҳи ҳама гуна пардохтҳои худи андозсупоранда барои гирифтани ин манфиат баробар мебошад:

а) ҳангоми гирифтани қарз тибқи меъёри фоизи пасттар аз меъёри бозорӣ барои чунин намуди қарзҳо – маблағи баробар ба фоизҳое, ки бояд тибқи меъёри бозорӣ пардохт шаванд;

б) ҳангоми фурӯхтан ё ройгон додани молҳо, иҷрои корҳо ё хизматрасониҳо – арзиши бозории чунин молҳо, иҷрои корҳо ё хизматрасониҳо;

в) ҳангоми гирифтани кӯмак барои таҳсили корманд ё шахсони дар таъминоти ӯ қарордошта (ба истисноӣ барномаҳои тайёрӣ, ки бевосита ба

иҷрои ӯҳдадориҳои корманд алоқамананд) – барои кӯмакгиранда арзиши кӯмаки гирифташуда;

***Мисол:*** *Исматов дар вазифаи сармуҳосиби ҶСП «А» кор мекунад. Бо мақсади баланд бардоштани дараҷаи ихтисоси худ, вай ба курси «Стандартҳои байналхалқии баҳисобгирии муҳосибӣ» номнавис шуд. Дониши дар ин курсҳо гирифташуда бевосита ба иҷрои ӯҳдадориҳои вазифавии ӯ алоқаманд мебошад.*

*Арзиши курси омӯзишӣ 500 сомониро ташкил менамояд. ҶСП "А" аз ҳисоби худ маблаги курси мазкурро пардохт намуд.*

*Дар ҳолати мазкур 500 сомонӣ ба даромади умумии Исматов бо мақсади ҳисоб намудани андози иҷтимоӣ дохил намешавад, чунки чунин курсҳо бевосита ба иҷрои ӯҳдадориҳои вазифавии ӯ алоқаманд мебошанд.*

*Агар Исматов курсҳои (барномаҳои, омӯзишҳои) бевосита ба корӣ (ӯҳдадориҳои вазифавии) ӯ алоқаманд набударо мегузашт ва ҶСП "А" (корфармо) маблаги ин курсҳоро (барномаҳоро, омӯзишҳоро) ҷуброн мекард, он гоҳ маблаги ҷуброн ба даромади умумии Исматов бо мақсади ҳисоб намудани андози иҷтимоӣ дохил карда мешуд.*

г) дар ҳолати ба корманд ҷуброн кардани хароҷоте, ки бевосита ба меҳнати кирояи ӯ алоқаманд нестанд – маблағи ҷуброн;

д) ҳангоми бахшидани қарз ё ӯҳдадории корманд дар назди корфармо – маблағи қарз ё ӯҳдадории бахшидашуда;

***Мисол:*** *ҶСП «Актив» ӯҳдадории кормандро ба андозаи 10 000 сомонӣ дар назди Ҷамъият, ки қаблан ҳамчун қарз дода шуда буд, бахшид (аз эътибор соқит донист). Дар ин мисол маблаги қарзи бахшидашудаи (қарзи қаблан додашудаи) корманд, манфиати вай ҳисоб шуда, бо мақсади андозбандӣ бо андози иҷтимоӣ ва андози даромад ба даромади корманд дар шакли музди меҳнат дохил карда мешавад.*

е) ҳангоми пардохти подоши суғуртавӣ тибқи шартномаҳои суғуртаи ҳаёт ва саломатӣ ва дигар маблағҳои шабеҳ аз ҷониби корфармо – арзиши чунин подоши суғуртавӣ ё маблағҳо барои корфармо;

***Мисол:*** *ҶДММ «А» бо ташкилоти сугуртавӣ ба манфиати коргари худ шартномаҳои сугуртаи ихтиёрии ҳаёт баст ва ҳаққи сугуртавиро (подоши сугуртавиро) ба андозаи 1000 сомонӣ пардохт намуд.*

*Доир ба ин амалиёт манфиатгиранда корманди ширкат мебошад, ки ба фоидаи ӯ сугуртаи ихтиёрӣ анҷом дода шудааст.*

*Маблаги манфиати корманд ба 1000 сомонӣ баробар аст, ки ба даромади корманд дар шакли музди меҳнат дохил шуда, бо андози иҷтимоӣ ва андози даромад андозбандӣ карда мешавад.*

ё) дар дигар ҳолатҳо – арзиши бозории манфиат.

37. Даромади умумии корманд ҷуброни хароҷоти сафарҳои хизматиро мутобиқи меъёрҳои дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор муқарраршуда, инчунин ҷуброни хароҷоти сафарҳои хизматиро аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ ва муассисаҳои онҳо, фондҳо, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ – ғайрирезидент аз ҳисоби маблағҳои шахсони дар боло номбаршуда дар бар намегирад.

38. Даромади умумӣ пардохтҳои намояндагӣ ва дигар хароҷоти шабеҳро (барои гузаронидани ҷашнҳо, ҷойгиронии меҳмонон ва ғайра), ки шахси воқеӣ гирифтааст, дар бар намегирад.

39. Талаботҳое, ки дар бандҳои 35 ва 36 Дастурамали мазкур оид ба пардохти моддӣ (ғайримоддӣ), арзиши фоидаҳо, пардохтҳо ва хароҷоти корфармо ба фоидаи шахсони воқеӣ, номбар шудаанд маблағи андози аксиз, андоз аз арзиши иловашуда ва ҳама гуна дигар андозеро дар бар мегиранд, ки корфармо бояд вобаста ба аҳди арзишдошта пардохт намояд.

## 8. ДАРОМАДҲОИ ШАХСИ ВОҚЕӢ АЗ ФАЪОЛИЯТЕ, КИ БА МЕҲНАТИ КИРОЯ МАНСУБ НЕСТ

40. Даромадҳои зерин аз фаъолияти ғайрисоҳибкории шахси воқеӣ даромади шахси воқеӣ аз фаъолияте мебошад, ки ба меҳнати кироя мансуб нест:

а) даромади фоизҳо;

б) суди саҳмияҳо (дивидендҳо);

в) даромад аз иҷораи (кирояи) молу мулк ва (ё) афзоиши арзиш аз фурӯши молу мулк;

г) роялти;

д) маблағи қарзи ба андозсупоранда бахшидаи қарздиҳанда.

41. Ба даромадҳои шахси воқеӣ аз фаъолияте, ки ба меҳнати кироя мансуб нест, инчунин ҳама гуна манфиате, ки аз ҷониби он гирифта шудааст ва (ё) дигар даромадҳо, ба истиснои даромад дар шакли музди меҳнат ва (ё) даромад аз фаъолияти соҳибкории инфиродӣ низ мансуб мебошанд.

42. Даромадҳое, ки ба кори кирояи дар банди 40 Дастурамали мазкур зикр гардидаанд, дохил намешаванд, ба истиснои роялти ва қарз бахшидаи корфармо ба корманди худ, агар онҳо бо кори кироя алоқаманд бошанд объекти андозбандӣ эътироф карда намешаванд ва бо андози иҷтимоӣ андозбандӣ карда намешаванд.

## 9. ИМТИЁЗҲОИ АНДОЗ

43. Аз супоридани андоз озод карда мешаванд:

а) даромади шахсони воқеие, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон

набуда, барои намояндагиҳои дипломатӣ ва (ё) консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа корҳоро иҷро мекунанд ва хизмат мерасонанд;

б) даромади шаҳрвандони давлатҳои хориҷӣ аз кироякорӣ дар доираи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

в) даромад аз фаъолияти расмии дипломатӣ (консулӣ) ва фаъолияти ба он баробаркардашудаи шахсе, ки шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

г) арзиши молу мулк дар шаклҳои аслӣ (натуралӣ) ва (ё) пулӣ, ки аз шахсони воқеӣ ҳамчун мерос ё тӯҳфа гирифта шудаанд, ба истиснои даромадҳое, ки аз ҳисоби ин молу мулк гирифта шудаанд, аз ҷумла маблағҳое, ки ба ворисони (ворисони ҳуқуқии) муаллифони асарҳои илмӣ, адабӣ, санъат, инчунин барои кашшофӣ, ихтироъкорӣ ва намунаҳои саноатӣ пардохт мешаванд;

д) арзиши тӯҳфаҳои аз шахсони ҳуқуқӣ гирифташуда, инчунин ҷоизаҳои (бурдҳои) дар озмунҳо ва мусобиқаҳо гирифташуда, аз ҷумла дар шакли пулӣ, ки агар:

- арзиши тӯҳфаҳои аз шахсони ҳуқуқӣ гирифташуда, ки аз 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар як сол зиёд нест;

- арзиши ҷоизаҳои (бурдҳои) дар намоишҳо ва мусобиқаҳои байналмилалӣ гирифташуда, ки аз 500 нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар як сол зиёд нест;

- арзиши ҷоизаҳои (бурдҳои) дар озмунҳо ва мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ гирифташуда, ки аз 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар як сол зиёд нест.

е) нафақаҳои давлатӣ ва суғуртавӣ стипендияҳои давлатӣ, ёрдампулиҳои давлатӣ ва ҷубронпулиҳои давлатӣ;

ё) алиментҳо аз шахсоне, ки онро мегиранд, маблағҳое, ки барои супоридани хун, шири модарӣ ва дигар кӯмакҳои ба донорҳо додашаванда.

ж) пардохтҳои якдафъаина ва кӯмаки моддӣ аз ҳисоби буҷет, ки мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дода мешаванд, маблағҳои аз ҷониби корфармо ба шахси воқеӣ - резидент пардохтшавандаи хароҷоти сафарҳои хизматӣ аз рӯи меъёрҳои муқарраршуда, маблағи ҷуброни хароҷоти сафарҳои хизматии аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ ва муассисаҳои онҳо, фондҳо, ташкилотҳои ғайридавлатӣ - ғайрирезидент аз ҳисоби маблағҳои ин шахсони дар боло номбаршуда, инчунин кӯмаки башардӯстона (гуманитарӣ) ва кӯмаки эҳсонкорӣ, аз ҷумла ҳангоми офатҳои табиӣ.

з) афзоиши арзиш ҳангоми фурӯш ё дигар шакли бегона кардани:

- биноҳои (ҳуҷраҳои) истиқоматӣ, ки на кам аз 3 сол ҷойи зисти (истиқомати) асосии андозсупоранда то бегона кардан қарор дошта бошанд;

- дигар объектҳои ғайриманқул, ки на кам аз 2 сол то санаи бегона кардан дар моликияти андозсупоранда қарор дошта бошанд.

и) афзоиши арзиш ё дигар шакли бегона кардани молу мулки манқул, ба истиснои:

- молу мулке, ки аз ҷониби андозсупоранда барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода бурда мешавад;

- фурӯши воситаҳои нақлиёти механикӣ ва ядакҳо, ки бояд ба қайди давлатӣ гирифта шаванд ва на камтар аз як сол то санаи бегона кардан дар моликияти андозсупоранда қарор дошта бошанд;

- моликияти қиматноки таърихӣ (антиквариат).

к) маблаҒи ҷоизаҳо ва мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

л) пардохтҳои суғуртавие, ки тибқи шартномаҳои дорои хусусиятҳои ҷамъшаванда ва баргардонидашаванда дар доираи маблағҳои аз ҷониби шахси воқеӣ ба ҳисоби чунин шартномаҳо пардохтшуда ва пардохтҳои суғуртавие, ки дар натиҷаи фавти шахси суғурташуда гирифта шудаанд;

м) маблағҳои маош, подошпулиҳо ва дигар маблағҳои пардохтшуда вобаста ба адои хизмат (иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ) ба хизматчиёни ҳарбӣ, шахсони ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи системаи вазоратҳои мудофиа, корҳои дохилӣ (ба истиснои Хадамоти давлатии “Муҳофиза”), мақомоти давлатии амнияти миллӣ, оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ, воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, мақомоти гумрук, Агентии назорати маводи нашъовар, Гвардияи миллӣ, системаи иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

н) бурдҳо аз вомбаргҳои давлатӣ ва лотереяҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардааст, дар ҳаҷми на зиёда аз 50 сомонӣ ба як вомбарг ё лотерея;

о) кӯмаки иҷтимоии суроғавӣ, ёрдампулӣ ва ҷубронпулиҳо, ба истиснои пардохтҳо вобаста ба музди меҳнат, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ тибқи ҳаҷм ва тартиби муайяннамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дода мешаванд;

п) ҷуброни зарари ҷисмонӣ ё дигар намуди зарари ба саломатии корманд вобаста ба иҷрои ӯҳдадориҳои меҳнатиаш ё хизматиаш расонидашуда, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

р) арзиши либоси махсус ва (ё) либоси расмӣ ва пойафзол, воситаҳои ҳифзи инфиродӣ ва кӯмаки аввалияи тиббӣ, собун, воситаҳои безараркунанда, шир ё дигар маҳсулоти истеъмолии ба онҳо баробари барои истеъмоли табобатию профилактикӣ додашуда тибқи меъёрҳо ва вобаста ба соҳаҳои фаъолият, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд;

с) пардохтҳои суғуртавӣ тибқи шартномаҳои суғуртаи ҳатмии масъулияти корфармо (аз ҳисоби маблағҳои корфармо) барои расонидани (ҳангоми расонидани) зарар ба ҳаёт ва саломатии корманд ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои меҳнатӣ (хизматӣ);

т) маблағи ҷуброни зарари моддӣ, ки бо қарори суд муқаррар карда шудааст.

## 10. БАҲИСОБГИРИИ ПАРДОХТҲОИ ДАВЛАТӢ ВА КӮМАКПУЛИҲО АЗ АНДОЗИ ИҶТИМОӢ

44. Мутобиқи моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» бо мақсади назорати дурусти ҳисоб ва пардохти саривақтии пардохтҳои кӯмакпулиҳои суғуртаи иҷтимоӣ аз ҷониби суғуртакунанда бевосита дар корхона, ташкилот ва муассисаҳо аз намояндагони корфармо, кумитаи иттифоқи касаба ё мақомоти дигари намояндагии кормандон комиссия таъсис дода мешавад, ё барои суғуртаи иҷтимоӣ шахси ваколатдор интихоб карда мешавад.

45. Номгӯи кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ, ки бояд бевосита аз тарафи ҷои кори шахси суғурташуда пардохта шаванд, ки ба ҳисоби пардохти андози иҷтимоӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» пешбинӣ гардидаанд.

46. Қоидаҳои муқаррар ва пардохт намудани нафақаҳои иҷтимоӣ барои соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №117 аз 3 марти соли 2011 «Оид ба таъин ва падохти кӯмакпулиҳои иҷимоӣ барои соҳибкорони инфиродӣ» тасдиқ карда шудаанд.

47. Қоидаҳои таъин ва пардохти кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ барои шахсони дар бандҳои 17 ва 32 Дастурамали мазкур зикргардида, аз он ҷумла аъзоёни хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ бо пешниҳоди Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

## 11. НАЗОРАТИ ПАРДОХТИ АНДОЗИ ИҶТИМОӢ ВА ҶАВОБГАРӢ

48. Назорати пардохти андози иҷтимоӣ аз ҷониби мақомоти андоз анҷом дода мешавад.

49. Шахси ҳуқуқӣ, филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ, муассисаи доимии ғайрирезидент ва соҳибкори инфиродӣ, ки дар давоми соли тақвимӣ ба манфиати дигар шахсон пардохтҳо анҷом медиҳанд, ӯҳдадоранд иттилооти дахлдорро оид ба пардохтҳо тибқи тартиб ва дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти андоз пешниҳод намоянд.

50. Андозсупорандагон, намояндагони онҳо ва шахсони манасабдор, инчунин агентҳои андоз барои ба таври лозима иҷро накардани талаботи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Кодекси андоз ва дигар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.